## Меъёри бозтамвил 0,5 банди фоизӣ баланд карда шуд.

Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати то сатҳи 12,75 (0,5 б.ф.) фоизи солона баланд бардоштани меъёри бозтамвил қарор қабул гардид. Қарори мазкур дар асоси дурнамои вазъи иқтисодиёти дохиливу берунӣ, хавфҳои эҳтимолӣ ва фишорҳои таваррумӣ қабул гардид.

***Сатҳи таваррум ва омилҳои таъсиррасон.*** Дар соли 2019 дар натиҷаи татбиқи самараноки сиёсати зиддитаваррумӣ, бо истифодаи фишангҳои монетарӣ сатҳи таваррум дар доираи ҳадафи пешбинишуда[1] ҷамъбаст гардида 8,0 фоизро ташкил намуд.

Таъсири омилҳои кӯтоҳмуддати мавсимӣ, коҳиш ёфтани пешниҳоди бархе аз маҳсулоти хӯроквории, болоравии нархи воридотии моводи хӯроквории, инчунин баланд шудани нархи хизматрасониҳои манзилӣ-коммуналӣ боиси боло рафтани сатҳи таварруми солона гардид.

***Интизориҳо ва хавфҳо.*** Тибқи таҳлилҳо ва маълумоти ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ[2] новобаста аз боқӣ мондани хавфҳои сиёсию молиявӣ дар ҷаҳон, нисбатан ба эътидол омадани рушди иқтисодиёти шарикони асосии савдо, дар давоми соли ҷорӣ дар ҷумҳурӣ беҳтар гардидани воруди сармоя дар назар аст. Илова бар ин, пешбурди сиёсати монетарии Бонки марказии Амрико (FRS) ва дигар бонкҳои марказии кишварҳои асосии шарикони савдо дар соли 2020 метавонад сабаби устувор гардидани қурби асъори миллӣ ва муътадил шудани сатҳи таваррум дар кишварҳои минтақа гардад.

Аз тарафи дигар, омилҳои марбутаи дохилии ғайримонетарӣ, бахусус зиёд шудани даромаднокии аҳолӣ, гузаронидани маъракаҳои сиёсӣ, вусъатёбии таъсири омилҳои мавсимии кутоҳмуддат дар бозорҳои дохилӣ, корҳои ободонӣ вобаста ба таҷлили 30 – солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва болоравии нархи ҷаҳонии бархе аз маҳсулоти хӯроквории эҳтимолияти ба нархҳои дохилӣ таъсир расониданро дорад.

[1] Тибқи Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019 ва давраи миёнамуҳлат ҳудуди муқарраршудаи нишондиҳандаи таваррум барои соли 2019 ба 7,0% (+/-2 б.ф.) баробар мебошад.
[2] IMF, World Economic Outlook, January 20, 2020 ва WB, Global Economic Prospects, January 2020

Бо дарназардошти “эффекти базавӣ” ва таъсири хавфҳои эҳтимолии хусусиятҳои берунӣ ва дохилидошта сатҳи таваррумии солона дар семоҳаи аввали соли 2020 раванди нисбатан болоравиро дошта, дар давраи миёнамуҳлат дар ҳудуди муқарраршудаи нишондиҳандаи мақсаднок нигоҳ дошта мешавад.

***Мавқеи сиёсати пулию қарзӣ.*** Бо таваҷҷуҳ ба омилҳои эҳтимолии дар боло зикршудаи ғайримонетарӣ ва шокҳои кӯтоҳмуддат, меъёри бозтамвил, ҳамчун инъикоскунандаи мавқеи сиёсати пулию қарзӣ 0,5 банди фоизӣ баланд бардошта шуда, дар сатҳи 12,75 муқаррар карда шуд.

Лозим ба ёдоварист, ки меъёри бозтамвил фишанги асосии танҳо барои анҷоми амалиётҳои монетарӣ маҳсуб ёфта, дар асоси таҳлилҳои ҳамаҷонибаи нишондиҳандаҳои мақсаднок, хавфҳои эҳтимолии пешбинишаванда ва мавқеи сиёсати пулию қарзӣ муқаррар мегардад.

Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ татбиқи сиёсати пайгиронаи пулию қарзиро ҷиҳати ноил гардидан ба сатҳи муътадили нархҳо дар давраи миёнамуҳлат идома дода, меъёри бозтамвилро бо дарназардошти баҳодиҳии хавфҳои таваррумӣ ва дурнамои он дар ҷаласаҳои навбатии Кумита баррасӣ хоҳад кард.